Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_3__» _марти с. 2011,
№ 114 тасдиқ шудааст

# СТРАТЕГИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ИЛМ ВА ТЕХНОЛОГИЯ БАРОИ СОЛҲОИ 2011-2015 (ТАҲРИРИ НАВ)

## Муқаддима

Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 (минбаъд – Стратегия) бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2006, №362 тасдиқ шуда буд.

Стратегия санади асосии ислоҳот ва рушди соҳаи илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Дар муддати чор соле, ки аз тасдиқи он аз тарафи Ҳукумати мамлакат гузаштааст, муассисаҳои илмиву тадқиқотӣ ва мактабҳои таҳсилоти олӣ пайваста татбиқи Нақшаи тадбирҳоро бобати иҷрои Стратегия дар мадди назар доштанд. Тибқи ин Нақша лоиҳаҳои барномаи иҷрои Стратегия омода гардида, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд, як қатор технологияҳои воридшуда ба Номгӯи технологияҳои муҳиме, ки коркарду татбиқи онҳо дар истеҳсолот дар солҳои 2007-2015 ба нақша гирифта шуда буд, таҳия гардида, дар истеҳсолот татбиқ шудаанд.

Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои зеринро бобати иҷрои Стратегия, ки ба рушди илм ва истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ равона шудаанд, тасдиқ намуд: Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015; Тадбирҳо оид ба дастгирии тараққии илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015; Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015; Барномаи татбиқи дастовардҳои илмиву техникӣ дар истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2015; Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, математикиву техникӣ барои солҳои 2010-2020; бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2010, №167 Номгӯи самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 тасдиқ шудааст. Равшан аст, ки зарурати ба барномаҳои мазкур ва як қатор қарорҳои дигари ҳукумати мамлакат, ки ба рушди илм бо назардошти талаботи муосир ба илм ва нақши афзояндаи он дар пешрафти иҷтимоиву иқтисодии кишвар равона шудаанд, мувофиқ намудани Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 ба миён омадааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ соли 2009 дар мулоқот бо намояндагони илму маориф, ки ба Соли маориф ва фарҳанги техникӣ бахшида шуда буд, чунин даъватро ба амал овард.

Дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2010 №32 «Дар бораи рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2009 ва вазифаҳо дар соли 2010» ба Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуда буд, ки бо ҳамроҳии вазорату идораҳои дахлдор дар бораи ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 пешниҳод ироа намояд. Баҳри иҷрои супориши мазкур комиссияи махсуси байниидоравӣ таҳрири нави Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015-ро омода намуд.

16 сентябри соли 2010 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷдиди сохторию идории Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул намуд (№459). Нуктаҳои асосии ин санади муҳим дар дастгирии АИ ҶТ ва илми мамлакат ҳангоми омода кардани таҳрири нави Стратегия ба инобат гирифта шуданд.

## 1. Тавзеҳи зарурати қабул кардани Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015

Вазъи ҷорӣ. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ бӯҳрони ҷамъиятиву сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ, ки ба асари воқеъаҳои ибтидои солҳои 90-ум ба амал омад, илм дар сатҳи нисбатан баланд мавқеъ дошт. Дар институтҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои дигари илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ заминаи моддиву техникӣ ба вуҷуд оварда шуда буд. Дар бисёре аз самтҳои илм кадрҳои илмӣ тайёр карда шуда, мактабҳои аслии илмӣ ташаккул ёфта буданд. Таҳқиқот дар ҳамоҳангӣ бо институтҳои Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва марказҳои дигари илмии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ анҷом дода мешуданд.

Пас аз мустақилияти давлатӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши зиёд ба ҳифз ва дастгирии нерӯи илмӣ, ислоҳоти илм ва ба ҳалли масъалаҳои муҳими ҷумҳурӣ нигаронидани илм равона шуда буд. Дар айни замон раванди ислоҳоти илм идома дорад. Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оҳиста-оҳиста ба фаъолият дар шароити нав мутобиқ шуда истодаанд. Давлат дастгирӣ ва таҳкими нерӯи илмиро барои пешрафти бомуваффақияти мамлакат бо роҳи рушди устувор яке аз самтҳои стратегӣ донистааст.

Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонун ва қарорҳое қабул гардидаанд, ки сиёсати миллиро дар соҳаи илм муайян намуда, ба дастгирии нерӯи илмӣ ва рушди таҳқиқоти илмӣ нигаронида шудаанд, аз ҷумла:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи илм ва сиёсати давлатии илмӣ-техникӣ" (с. 1998);

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон " (с.2002);

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 1996 №331 "Дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ";

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 1997 №395 "Дар бораи таъсиси Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ";

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 1999 №87 "Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон";

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2000 №54 "Дар бораи тартиби аккредитатсияи давлатии ташкилотҳои илмӣ";

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2002 №482 "Дар бораи Академияи илмҳои педагогии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ";

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2003 №571 "Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди илмҳои дақиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2008";

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2004 №385 "Дар бораи фаъолияти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон".

Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар боло зикр шудаанд, таҳия гардида буд.

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маркази илмии мамлакат мебошад, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тиббии навтаъсиси (с.2009) назди Вазорати тандурустии ҶТ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва даҳҳо муассисаҳои дигари соҳавии илмӣ-таҳқиқотӣ ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ анҷом дода мешаванд.

Тибқи маълумоти Вазорати иқтисод ва рушди савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2010 дар соҳаи илм дар Тоҷикистон 5196 нафар корманди илмӣ кор кардананд, ки аз онҳо 3880 нафар дараҷаи илмӣ доранд, аз ҷумла 780 нафар - доктори илм ва 3100 нафар - номзади илм ва 1316 нафар кормандон бе дараҷаи илмӣ мебошанд.

Тибқи маълумоти Ангентии давлатии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2009 дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки дар онҳо аспирантҳо тайёр карда мешавад, миқдори аспирантҳо 1256 нафарро ташкил медиҳад, аспирантураро 283 нафар хатм карда, 455 нафар ба аспирантура дохил шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 40 шӯрои диссертатсионӣ, аз ҷумла 20 шӯрои докторӣ ва 20 шӯрои номзадӣ амал мекунанд. Дар айни замон дар ин шӯроҳо аз рӯи 46 ихтисос рисолаҳои илмӣ дифоъ карда мешаванд, аз ҷумла аз рӯи 25 ихтисос доир ба илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ, аз рӯи 21 ихтисос доир ба илмҳои ҷамъиятшиносӣ. Дар соли 2009

дар шӯроҳои диссертатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон 302 рисола (31 рисолаи докторӣ ва 271 рисолаи номзадӣ) дифоъ карда шуд.

Масъалаҳои асосӣ. Пешрафти илм ва саҳми он дар рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар аз бисёр ҷиҳат ба ҳалли саривақтии як қатор масъалаҳо вобаста мебошад, аз ҷумла:

Таъминоти нокифояи молиявӣ ба соҳаи илм

Илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Хароҷот ба илм ба таври доимӣ меафзояд. Чунончӣ, дар соли 2009 дар қиёс бо соли 2007 ин хароҷот ба қадри 31% афзоиш ёфт. Лекин ба таври умумӣ ҳиссаи хароҷот ба илм дар ҳисоб бо Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи хеле паст қарор дорад. Ҳаҷми умумии маблағгузории соҳаи илм дар соли 2009 25 млн. 753 ҳазор сомонӣ, яъне қариб 0,12 % аз Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил дод, дар ҳоле, ки дар давлатҳои пешрафта сатҳи маблағгузории илм дар ҳудуди 1-3 % аз Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ қарор дорад.

Таъминоти нокифояи моддиву техникии илм

Заминаи моддиву техникӣ барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ беҳад кӯҳнаву фарсуда гардида, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва ноустувории иҷтимоиву иқтисодӣ қисман вайрон карда шуданд. Таҷҳизот ва асбобҳои илмӣ ҷисман ва рӯҳан фарсуда шуда, ба талаботи муосири илму техника ҷавобгӯй нестанд.

Ақибмонии ташаккули заминаи муосири иттилоотӣ дар соҳаи илм

Яке аз сабабҳои рушди сусти илм дар Тоҷикистон, ақибмонӣ дар ташаккули инфрасохтори муосири иттилоотӣ, ки ба истифодаи технологияҳои навтарини иттилоотиву коммуникатсионӣ асос ёфтааст, мебошад. Институтҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои илмии соҳавӣ, кафедраҳо ва озмоишгоҳҳои мактабҳои олӣ бо техникаи компютерӣ ба таври кифоя муҷаҳҳаз гардонида нашудаанд. Суръати ташаккули инфрасохтори муосири иттилоотӣ дар ин муассисаҳо беҳбудӣ мехоҳад Таҷрибаи ҷаҳонӣ ба таври эътимоднок шаҳодат медиҳад, ки бе истифодаи технологияҳои муосири иттилоотиву коммуникатсионӣ илмро қафомонӣ домангир буда, ба вуҷуд овардани технологияҳои қобили рақобат ва истифодаи онҳо дар амал имкон надорад.

Доир ба масъалаҳои муҳими илм шумораи ками монографияҳо, маҷаллаҳои илмӣ, маҷмӯи мақолаҳо ва маводҳои конференсияҳои илмӣ нашр карда мешаванд. Ба ин сабаб натиҷаҳои таҳқиқот кӯҳна мегарданд, коркардҳои олимони Тоҷикистон баромади саривақтиро ба фазои байналхалқии илмиву иттилоотӣ намеёбанд, комёбиҳои илмӣ афзалияти худро гум мекунанд. Ба сабаби нокифоя будани маблағгузорӣ муассисаҳои илмӣ имконияти гирифтани маҷаллаву китоб ва иттилооти дигари илмиро надоранд, ки ин албатта ба сатҳ, сифат ва самаранокии таҳқиқоти анҷомшаванда таъсири манфӣ расонида метавонад.

Норасоии кадрҳои илмии тахассуси олӣ

Ин масъала аз бисёр ҷиҳат ба нокифоя будани маблағгузорӣ ба илм алоқаманд мебошад. Ҷиддияти масъала ҳамчунин бо он маънидод карда мешавад, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва ноустуворӣ бисёре аз кормандони илмӣ ва мутахассисон аз мамлакат берун рафтанд ва ҳоло пурра кардани норасоӣ дар кадрҳои илмии тахассуси олӣ, хусусан доир ба ихтисосҳои илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ муяссар намешавад. Норасоии мутахассисон дар чунин самтҳои илм, мисли сейсмология, технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ, энергетика, металлургия, биологияи молекулӣ, генетика, селексия, биотехнология, биохимия, экология, вирусология, иммунология, генетикаи тиббӣ, мантиқ ва методологияи илм, онтология ва гноселогия, этика, эстетика, сотсиология, ҳуқуқи байналхалқӣ, таърих ва назарияи забоншиносӣ, демография, ҷуғрофия эҳсос мешавад.

Набудани ҳамгироӣ (интегратсия)-и зарурии илм ва маориф

Яке аз омилҳои муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии тайёр кардани кадрҳои илмӣ, истифодаи заминаи илмиву таҷрибавии муассисаҳои академӣ дар раванди таҳсил ва баланд бардоштани сатҳи таҳқиқоти илмӣ дар мактабҳои олӣ ҳамгироии илм ва маориф мебошад. Набудани ҳамгироии зарурии илми академӣ ва сохторҳои таҳсилотӣ неруи рушд ва саҳми онҳоро дар ислоҳоти иқтисодиёт ва ҷамъият паст мекунад.

Неруи илмии институтҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тиббӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои илмии соҳавӣ ва мактабҳои олӣ ҳоло ба мақсади муттаҳид кардани қувва ва захираҳо барои тайёр кардани кадрҳои тахассуси олӣ ва мутахассисон дар соҳаи илмӣ ва илмиву технологӣ, истифодаи муштараки заминаи илмиву таҷрибавии бахшҳои академӣ, соҳавӣ ва мактабҳои олии илм, дар равандҳои таҳқиқотӣ ва таълимӣ ба қадри зарурӣ муттаҳид карда нашудаанд.

Мутамарказгардонии сусти неруи илмӣ ба самтҳои афзалият-
доштаи таҳқиқоти илмӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат

Таҳқиқоти илмӣ доир ба самтҳои гуногуни илмӣ бурда мешаванд, ки баъзе аз онҳо бо кадрҳои илмӣ ба микдори кофӣ таъмин нагардидаанд. Банақшагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ эҳтиёҷ ба такмили минбаъда дорад. Неруи илмӣ ҳоло ба дараҷаи зарурӣ ба ҳалли масъалаҳои афзалиятдоштаи илм ва рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат мутамарказ гардонида нашудааст, ки дар ин бобат суст будани фаъолият ҷиҳати ташаккул ва таҳияи барномаҳои комплексӣ ва мақсадноки илмӣ ва илмӣ-техникӣ шаҳодат медиҳад.

Набудани робитаи зарурии илм бо истеҳсолот

Коркардҳои илмӣ-техникӣ ва тавсияҳои амалӣ на ҳамеша ба сатҳи рушди технологияҳои муосир ҷавобгӯй мебошанд. Ҷустуҷӯи шаклҳои нави таъсири мутақобили илм бо истеҳсолот суст ба роҳ монда шудааст.

Дархост ба натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ аз тарафи истеҳсолот дар сатҳи паст қарор дорад, гузариши соҳаҳои илм ва технология ба роҳи инноватсионии рушд хеле суст аст.

Сатҳи нокифояи ҳамкориҳои илмии байналхалқӣ

Дар солҳои охир робитаҳои илмии олимони Тоҷикистон хеле густариш ёфт. Бо вуҷуди ин, сатҳи ҳамкориҳои илмии байналхалқиро қаноатбахш эътироф кардан мумкин нест. Новобаста ба миқдори зиёди шартномаву созишномаҳои басташуда дар бораи ҳамкориҳо дар соҳаи илм ва технология, самаранокии амалишавии онҳо ба қадри назаррас баланд нест ва беҳбудӣ мехоҳад.

Вазъи баамаломада ва масъалаҳои мавҷуда дар соҳаи илм зарурати таҳия ва қабули маҷмӯи чораҳоро доир ба дастгирии давлатӣ ва рушди илм тақозо дорад, ки амалисозии онҳо бояд таъсири нерӯи илмиро ба рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, рушди маориф ва фарҳанг ба қадри назаррас тақвият дода, барои комёб гардидан ба мақсадҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015 мусоидат намояд.

Ғояҳои заминавии Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015 яке аз афзалиятҳои миллӣ эътироф кардани илм мебошад, ки бе такя ба он муваффақ шудан ба сатҳи баланди нерӯи ақлонии ҷамъият тасаввурнопазир аст, пешрафти мамлакати мо имкон надорад ва беҳтар кардани сифати зиндагонии аҳолӣ душвор аст.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015

Мақсади Стратегия ба вуҷуд овардани системаи пурсамари дастгирии давлатии рушди илм мебошад, ки он мутамарказгардонии нерӯи илмӣ ба самтҳои ба мамлакати мо афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, суръатбахшии ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ ва истифодаи амалии инноватсияҳо, ба вуҷуд овардани технологияҳои рақобатпазир, талабгории коркардҳои илмӣ аз тарафи истеҳсолот, тиҷорат, корфармоён, нуфузи баланд ва ҷозибияти бештари меҳнати илмӣ, ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои тайёр кардани олимон ва мутахассисони ҷавон, рушди маориф ва фарҳангро таъмин менамояд ва дар ниҳояти кор ба болобурди нерӯи ақлонии ҷомеа то чунин сатҳе, ки он ба суръат гирифтани пешрафти мамлакати мо ва муваффақ шудан ба мақсадҳои Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2015-ро боис мегардад.

Барои муваффақ шудан ба мақсадҳои Стратегия ҳал кардани вазифаҳои зерин зарур аст:

-дастгирии давлатии рушди илм ва гузаронидани ислоҳоти идораи давлатӣ дар соҳаи илм;

-ворид кардани тағйирот ва тасҳеҳот дар муқаррар намудани мақоми муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мувофиқсозии сохтори онҳо;

-муайян кардани самтҳои афзалиятдоштаи илм, мутамарказ гардонидани қувваҳои илмӣ ва воситаҳои моддиву техникӣ ба ин самтҳо;

-мутамарказ гардонидани нерӯи илмӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, маориф ва фарҳанг;

-ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои анҷом додани таҳқиқот аз рӯи самтҳои навтарини илм;

-ташаккул додани инфрасохтори инноватсионӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи илм ва технологияҳо, фароҳам овардани шароит барои тиҷоратӣ (коммерсализатсия) кардани натиҷаҳои таҳқиқот;

-инкишофи заминаи моддиву техникии илм;

-ҳамгироӣ (интегратсия)-и бахшҳои илмҳои академӣ, соҳавӣ ва мактабҳои олӣ;

-беҳтар кардани низоми тайёр намудани кадрҳои илмӣ;

-инкишоф додани инфрасохтори иттилоотии муосир дар асоси истифодаи технологияҳои пешрафтаи иттилоотиву коммуникатсионӣ;

-инкишоф додани заминаи моддиву техникии нашри асарҳои илмӣ;

-тавсиа бахшидани ҳамкориҳои илмӣ ва технологии байналхалқӣ ва баланд бардоштани самаранокии он.

## 3. Самтҳои асосии амалисозии Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015. Тадбирҳое, ки барои муваффақ шудан ба мақсад ва вазифаҳои Стратегия равона шудаанд

3.1.Мақом ва сохтори муассисаҳои илмӣ.

Ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ

Таҳқиқоти илмӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотие анҷом дода мешавад, ки мақом ва сохтори гуногуни ҳуқуқӣ доранд:

Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Академияи илмҳо муассисаи давлатии олии худидорашавандаи илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки гузаронидан, инкишоф додан ва ҳамоҳанг сохтани таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар мамлакат, таҳлили масъалаҳои муҳими рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакатро таъмин менамояд ва дар ташаккулу амалисозии сиёсати давлатии илмӣ-техникӣ иштирок мекунад. Ба ҳайати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 институти илмӣ-таҳқиқотӣ, бахши Помир, марказҳои илмии Хуҷанд ва Хатлон, Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ ва Муассисаи илмии «Хадамоти геофизикӣ» дохил мешаванд.

Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон муассисаи давлатии худидорашавандаи илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ, инкишофи таҳқиқоти бунёдӣ ва илмӣ дар соҳаи кишоварзӣ, тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмиро таъмин менамояд. Ба таркиби Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, 6 институти илмӣ-таҳқиқотӣ, Маркази миллии ҷумҳуриявии захираҳои генетикӣ, Корхонаи илмӣ-истеҳсолии «Доруҳои биологӣ», ва Пойгоҳи илмӣ-таҳқиқотии кишоварзии Помир дохил мешаванд.

Академияи илмҳои тиббии назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Академия рушди тадқиқоти илмии бунёдӣ ва амалиро дар соҳаи тиб таъмин менамояд, фаъолияти илмиву тадқиқотии академӣ ва мактаби олии системаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамоҳанг месозад. Дар соҳаи фаъолияти илмии Академия 3 институти илмиву тадқиқотӣ ва 9 маркази илмии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд.

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Академияи таҳсилот гузаронидан ва ҳамоҳанг сохтани таҳқиқоти илмӣ доир ба педагогикаи умумӣ, назария ва методикаи таълими забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, назария ва методикаи таълим дар самтҳои дигар илми педагогикаро таъмин менамояд. Дар назди Академия Институти илмӣ-таҳқиқотии рушди маориф, Институти такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф, Маркази омӯзиши таърихи маориф ва Маркази технологияи иттилоотӣ амал мекунанд.

Бахши илми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Таҳқиқот дар марказҳои илмӣ, иттиҳодияҳои илмӣ-истеҳсолӣ ва пойгоҳҳо, парваришгоҳҳо, озмоишгоҳҳо, дар кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ анҷом дода мешаванд. Таҳқиқоти илмӣ ва тайёр кардани кадрҳо ва мутахассисони илмӣ дар аксар мавридҳо дар ҳамкорӣ бо институтҳои академӣ анҷом дода мешаванд.

Бахши соҳавии илм. Ба бахши соҳавии илм воҳидҳои илмӣ-таҳқиқотии вазорату идораҳо дохил мешаванд, ки онҳо таҳқиқоти амалиро анҷом дода, тавсияҳои амалиро доир ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва татбиқи технологияҳои нав, истифодаи инноватсия дар соҳаи маориф ва фарҳанг таҳия менамоянд.

Манфиатҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи навро нисбат ба илм пеш мегузоранд. Вобаста ба ин масъалаи зарурати ба таври аниқ муайян кардани мақоми ҳуқуқӣ ва вазифаҳои муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии ҳамаи бахшҳои илм дар мамлакат бо назардошти мавқеъ ва нақши онҳо дар илм, рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва муваффақ шудан ба мақсадҳои афзалиятдоштаи илмӣ муҳим мебошад. Инро ба назар гирифта, нақшагирӣ мешавад, ки тайи соли 2011 инвентаризатсия ва аккредитатсияи ҳамаи муассиса ва воҳидҳои илмӣ-таҳқиқотии дар мамлакат амалкунанда анҷом дода шавад, ки аз рӯи натиҷаҳои онҳо бозсозии сохтори соҳаи илм гузаронида шуда, Феҳристи давлатии ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо назардошти тағйироти шаклҳои ташкиливу ҳуқуқии онҳо, шаклҳои моликият ва тобеъияти идоравӣ тартиб дода мешавад.

Мураттаб ва мувофиқсозии шабакаи муассиса ва ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ имкон медиҳад, ки захираҳо ба самтҳои афзалиятдоштаи рушди илм, технология ва техника ва баланд бардоштани самаранокии илм мутамарказ гардонида шаванд.

Дар айни замон таҳқиқоти илмиро дар миқёси тамоми мамлакат Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг месозад, ки он дар асоси Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 1996 №331 амал мекунад. Вобаста ба бозсозии банақшагирифташудаи соҳаи илм ва зарурати ба системаи ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ташаккули барномаҳои комплексӣ ва мақсаднок доир ба самтҳои афзалиятдоштаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ додани таваҷҷӯҳи асосӣ пешниҳод мешавад, ки ба Низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тағйирот ва иловаҳо ворид карда шаванд. Васеъ гардонидани мақом, аниқ кардани ваколат ва масъулияти Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи интихоб ва ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ дар миқёси тамоми мамлакат пешбинӣ гардидааст. Ба он масъулияти на танҳо гузаронидани экспертизаҳо, интихоби лоиҳаву барномаҳо, балки баҳодиҳии аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот ва самаранокии татбиқи амалиро низ вогузор кардан мебояд.

### 3.2. Самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ

Ба махсусияти ташаккули ин самтҳо таърихи пайдоиш ва рушди таҳқиқоти илмӣ дар Тоҷикистон, талаботи рушди иқтисодиёт, маориф ва илм, ҳамчунин тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ боис гардиданд.

Дар системаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои олии ҷумҳурӣ мактабҳои илмии эътирофи ҷаҳонӣ пайдокарда дар чунин самтҳои илм, чун математика, астрофизика, физикаи ҳолатҳои конденсӣ, асосҳои химиявиву технологии истифодаи захираҳои ашёи хом, геология, сейсмология, омӯзиши флора, фауна ва захираҳои биологӣ, физиология ва биохимияи растаниҳо, ҷарроҳӣ, гастроэнтерология, психиатрия ва наркология, генетика ва селексияи пахта ва зироатҳои дигари кишоварзӣ, усулҳои интегратсионии мубориза бар зидди зараррасонандаҳои кишоварзӣ, хокшиносӣ ва агрохимия, таърих, мардумшиносӣ ва бостоншиносӣ, фалсафа, забон ва адабиёти тоҷик таъсис дода шуда буданд.

Вале дар айни замон бо сабаби мавҷудияти масъалаҳои ҷиддие, ки ба имкониятҳои маҳдуди маблағгузорӣ ва таҳкими заминаи моддиву техникии илм алоқаманд мебошанд ва ҳамчунин бо назардошти суръати фавқулода баланди рушди илми ҷаҳонӣ рақобати афзоишёбандаи мактабҳои илмӣ ва талаботи воқеии рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакати мо, масъалаи беҳад муҳим муайян кардан ва ҷудо намудани самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дарояндаи наздик, мутамарказ гардонидани нерӯи илмӣ ба ин самтҳо, дастгирии мактабҳои ташаккулёфта ва самаранок фаъолияткунандаи илмӣ ва дар як вақт ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои анҷом додани таҳқиқот доир ба бахшҳои навтарин ва тезрушдкунандаи илм мебошад.

Муайян кардани самтҳои афзалиятдошта, нав ва тез рушд кардаистодаи таҳқиқот имконият медиҳад, ки захираҳои асосӣ ба ин самтҳо равона карда шуда, заминаи моддиву техникии илм ба мақсадҳои муайян таҳким ёбад ва кадрҳои илмӣ тарбия карда шаванд. Ин дар навбати

худ, дар сатҳи муосир анҷом додани корҳои илмӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии коркардҳои илмиро таъмин намуда, ниҳоят дар амал татбиқи бештар ёфтани натиҷаҳои таҳқиқотро суръат мебахшад. Яъне, дар асоси самтҳои ояндадори афзалиятдошта ва нави таҳқиқот барномаҳои комплексӣ ва мақсаднок ташаккул меёбанд, ки дар онҳо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, иҷрокунандагон, марҳила ва мӯҳлатҳои иҷрои кор, ҳаҷм ва манбаъҳои маблағгузорӣ, натиҷаҳои чашмдошт, тавсияҳои амалӣ, самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян карда мешаванд.

Дар асоси фикру андешаҳои зикршуда самтҳои зерини афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ ҷудо карда шудаанд, ки онҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2010 №167 тасдиқ шудаанд:

Илмҳои физикаву математика, химия, геология ва техникӣ

Математика.

Астрофизика: ҷисмҳои хурди Системаи офтобӣ, объектҳои наздизаминӣ, ситораҳо.

Физикаи ядроӣ.

Физикаи нурҳои кайҳонии дорои энергияи фавқулбаланд.

Физикаи ҳолатҳои конденсӣ.

Амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ.

Масъалаҳои физикаю техникии энергетикаи алтернативӣ.

Коркарди маҷмӯии ашёи хом ва партовҳои саноатӣ.

Металлҳо ва хӯлаҳои дорои хосиятҳои махсус.

Химияи пайвастҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъоли органикӣ ва баландмолекулавӣ. Коркарди истифодаи доруҳои нави табобатӣ дар асоси истифодаи ашёи хоми табиӣ ва маҳсулоти синтези органикӣ.

Химияи пайвастҳои координатсионӣ.

Петрология ва геохимия. Палеонтология ва стратиграфия.

Канданиҳои фоиданок. Маъданҳосилшавӣ ва металлогения.

Мониторинги сейсмологӣ ва баҳодиҳии хатари сейсмикӣ. Тартиб додани харитаи пешгӯии оқибатҳои заминҷунбиҳои сахт дар марзи Тоҷикистон бо истифода аз технологияҳои муосир .

Назария ва амалияи ба зилзила тобовари биноҳо ва иншоот. Моделсозии равандҳои сейсмикӣ.

Мониторинги захираҳои обӣ ва истифодаи комплексии онҳо.

Омӯзиш ва мониторинги тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон.

Илмҳои биологӣ

Омӯзиш, ҳифз ва истифодаи устувори гуногуншаклии биологӣ, генофонди растаниву ҳайвонот ва захираҳои биологӣ.

Коркарди асосҳои илмии инкишоф додани шабакаи минтақаҳои махсусҳифзшавандаи табиат.

Таъсири тағйирёбии иқлим ва омилҳои антропогенӣ ба гуногуншаклии биологӣ, системаҳои табиӣ ва агроэкологӣ.

Интродуксия ва ба иқлим мутобиқгардонии растаниҳо.

Мутобиқгардонӣ (адаптатсия)-и физиологиву биохимиявӣ ва механизмҳои танзимкунандаи устувории организмҳои зинда ба таъсири шароити номусоиди муҳит (стрессҳо).

Таъсири маҷмӯи омилҳои экологӣ ба ҳаётгузаронии растаниҳо дар шароити баландкӯҳ.

Фотосинтез ва маҳсулнокии растаниҳо.

Асосҳои физиологию генетикии селексияи растаниҳои кишоварзӣ.

Такмили системаи интегратсионии ҳимояи зироатҳои кишоварзӣ аз зараррасонандаҳо.

Биотехнологияи растаниҳо.

Илмҳои тиббӣ

Таҳия ва татбиқи усулҳои нави пешгирӣ, ташхис ва табобати бемориҳои сироятии иҷтимоии хавфнок (зардпарвин, сил, домана, вараҷа, зуком, ВНМО/БНММ, хеликобактериозҳо, зоонозҳо, табларзаи геморрагӣ ва ғайра).

Татбиқи технологияи муосир дар пешгирӣ, ташхис ва табобати бемориҳои дилу раг, саратон, бемориҳои узвҳои ҳозима, диабети қанд, фарбеҳӣ.

Омӯзиш ва баҳодиҳии ҳолатҳои санитариву гигиенӣ, эпидемиологии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Такмили системаи дастрасии кӯмаки фаврии акушерӣ ва перинатологӣ ба аҳолӣ. Татбиқи технологияи навини ҳифз ва беҳдошти солимии репродуктивӣ.

Омӯзиш ва парвариши ҳуҷайраҳои бунёдӣ. Рушди таҳқиқот ва коркарди усулҳои трансплантатсияи узвҳо ва бофтаҳо.

Масъалаҳои солимии рӯҳии аҳолӣ.

Таҳия ва татбиқи технологияҳои нав барои беҳтар намудани ташхис, табобат ва барқароргардонии беморон дар соҳаи микроҷарроҳӣ, генетикаи тиббӣ.

Такмили системаи идороти соҳаи тандурустӣ.

Коркард ва истифодабарии доруҳои нав, пеш аз ҳама аз ашёи хоми ватанӣ.

Илмҳои кишоварзӣ

Омӯзиши генофонди миллии растаниву ҳайвоноти кишоварзӣ, коркарди асосҳои илмии ҳифз ва истифодаи онҳо.

Селексияи навъҳои зироатҳои кишоварзии тезпаз, серҳосил, ба касалиҳо тобовар ва ба шароити гуногуни экологӣ устувор. Коркарди системаи муосири тухмипарварӣ.

Тадқиқот доир ба рушди боғдорӣ, ангурпарварӣ, сабзавоткорӣ ва картошкапарварӣ.

Коркарди усулҳои мубориза бар зидди зараррасонандаҳо ва касалиҳои зироатҳои кишоварзӣ.

Коркарди агротехнологияҳои наву пурсамари аз ҷиҳати экологӣ бехатар.

Коркарди асосҳои илмии аз ҷиҳати экологӣ асоснокшудаи баланд бардоштани ҳосилхезии хок, мубориза бо эрозия, шӯршавии хок, баландшавии обҳои зеризаминӣ, корамкунӣ ва ҳосилхезии такрории замин.

Офаридани зот, ҷинс, кросс, гибридҳои нави ҳайвоноти соҳаи кишоварзӣ, парранда, занбӯри асал, кирмаки пилла ва такмили хосиятҳои ирсию маҳсулнокии зотҳои парваришёбанда.

Такмил додани усулҳои биотехнологии афзунгардонӣ, технологияи парвариш ва хӯронидани ҳайвоноти соҳаи кишоварзӣ.

Коркарди усулҳои мубориза бар зидди касалиҳои ҳайвоноти соҳаи кишоварзӣ. Ба вуҷуд овардани доруҳои нави пурсамари байторӣ.

Тадқиқот доир ба механиконӣ ва иқтисодиёти истеҳсолоти кишоварзӣ.

Илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ

Таърихи халқи тоҷик.

Таърихи Тоҷикистони мустақил ва таърихи этникии Осиёи Марказӣ.

Онтологияи фалсафӣ: гносеология ва мантиқ.

Масъалаҳои муосири антропологияи фалсафӣ.

Масъалаҳои фалсафӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии рушди ҷомеаи муосири тоҷик.

Масъалаҳои таърихи фалсафа ва дин.

Адабиёти тоҷику форс.

Адабиёти тоҷик дар давраи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон.

Забони тоҷикӣ ва фолклор.

Тадқиқ ва нашри ёдгориҳои хаттии илму фарҳанги тоҷику форс.

Масъалаҳои модернизатсияи иқтисодиёти давраи гузариш дар Тоҷикистон.

Сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Механизмҳои иқтисодии рушди муносибатҳои бозаргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сиёсати демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Асосҳои назариявии ҳуқуқи муосир ва байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Назария ва методикаи таълиму тарбия (аз рӯи фанҳои алоҳида).

Омӯзиши вазъи таҳсилот дар мактабҳои муосир ва роҳҳои баланд бардоштани сифати таълим.

Коркард ва истифодаи технологияи нави таълиму тарбия.

Педагогикаи этникӣ ва муосир.

3.3.Мутамарказгардонии нерӯи илмӣ ва технологӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат

Ба мақсади пурқувват кардани таъсири илм ба суръати рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат наздик кардани илм ба эҳтиёҷоти амалия, тавсиаи доираи таҳқиқоти амалӣ ва баланд бардоштани самаранокии онҳо, ба вуҷуд овардани шароит барои коркард ва истифодаи амалии технологияҳои инноватсионӣ зарур аст.

Нерӯи илм бояд дар чунин самтҳои афзалиятдоштаи рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, истифода шавад:

3.3.1. Сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ

Такмили сохтори идоракунии иқтисодиёти миллӣ ва механизмҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ, ки ба принсипҳои иқтисодиёти бозаргонӣ мувофиқ мебошанд.

Ташаккули сиёсати фаъоли сохториву саноатӣ, ки ба инкишоф додани истеҳсолоти содиротӣ ва рақобатпазир ва корхонаҳои аз нуқтаи назари тақсимоти байналхалқии меҳнат ояндадор равона шудааст.

Таҳкими низоми молиявиву бонкӣ.

Такмили сиёсати инноватсионӣ, ки ҷалби маблағҳои асосии хориҷиро ба иқтисодиёт пешбинӣ менамояд.

Такмили низоми давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва сиёсати давлатии демографӣ.

3.3.2.Гидроэнергетика, истифодаи комплексӣ ва оқилонаи захираҳои об, манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва технологияҳои сарфаи энергия

Рушди минбаъдаи гидроэнергетика.

Гузаронидани сиёсати сарфаи энергия дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ.

Истифодаи комплексӣ ва устувори захираҳои об.

Истифодаи манбаъҳои ғайрианъанавии аз нигоҳи экологӣ тозаи барқароршавандаи энергия (офтоб, энергияи шамол, энергияи дарёҳои хурд, манбаъҳои геотермалӣ ва биомасса).

3.3.3.Комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ, ба вуҷуд овардани маводи нав ва технологияҳои муосир

Ба вуҷуд овардани маводҳои нав, коркард ва дар саноат истифода кардани технологияҳои муосир.

Коркарди технологияҳои аз нав кор кардани алюминий ва истеҳсоли маснуъоти тайёр.

Коркарди технологияҳои аз нав кор кардани пахта ва навъҳои дигари ашёи хоми кишоварзӣ.

Ба вуҷуд овардан ва истифода кардани технологияҳои сарфаи захираҳои кампартов ва аз нигоҳи экологӣ тозаи коркарди комплексии захираҳои ашёи хоми маъданӣ.

Ба вуҷуд овардан ва аз худ кардани технологияҳои коркарди такрории захираҳои пасмонда.

Коркарди технологияҳои масолеҳи сохтмонӣ.

Тавсиаи заминаи ашёи хоми маъданӣ.

3.3.4. Кишоварзӣ, амнияти озуқаворӣ

Татбиқи системаи устувор ва аз нигоҳи экологӣ баробаркардашудаи пешбурди кишоварзӣ мувофиқ ба минтақаҳои табииву хоҷагидории ҷумҳурӣ.

Такмили сохтори истифодаи замин ва об, мувофиқсозии таносубҳои ҳаҷмҳои истеҳсолоти зироатҳои озуқаворӣ ва техникӣ, рушди пахтакорӣ, гандумпарварӣ, ҳайвонпарварӣ, мевапарварӣ ва соҳаҳои дигари кишоварзӣ.

Селексияи навъҳои нави серҳосил, мувофиқ ва гибриди хироатҳои кишоварзӣ.

Ба вуҷуд овардани системаи самараноки тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ.

Истифодаи усулҳои биотехнологӣ дар кишоварзӣ.

Селексия ва парвариши ҷинс, навъ ва зотҳои нави ҳайвоноти кишоварзӣ.

Такмили усулҳои мубориза бо зарарасонандаҳо ва касалиҳои махсусан хатарноки растанӣ ва ҳайвоноти кишоварзӣ, коркарди усулҳои пешгирӣ ва табобатӣ бо истифодаи доруҳои нав.

Гузориш ба истифодаи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ бехатар, захирасарфакунанда ва босуръат пешравандаи кишоварзӣ.

3.3.5. Тандурустӣ

Монигоринги иҷтимоиву иқтисодӣ, санитариву гигиенӣ ва экологии сиҳатии аҳолӣ.

Ҳифзи сиҳатии модар ва кӯдак.

Эпидемиология, пешгирӣ ва табобати бемориҳои сирояткунанда.

Эпидемиология, пешгирӣ ва табобати бемориҳои дилу раг, эндокринӣ, онкологӣ, гастроэнтерологӣ ва касбӣ, сил, нашъамандӣ, бемориҳои ба воситаи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, ВИЧ/СПИД.

Коркарди доруҳои нави табобатӣ, ҷорӣ кардани технология барои муайян кардани сифати доруҳои воридотӣ.

Ҳифзи саломатии рӯҳии аҳолӣ.

Рушди трансплантологияи ватанӣ.

Тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси тиббӣ.

Тайёр кардани кадрҳо дар соҳаи хидматрасонӣ ва таъмири техникии тиббӣ. ҷорӣ кардани телетиб.

3.3.6. Устуворӣ ва амнияти экологӣ

Мониторинги муҳити зист, таҳияи чорабиниҳо оид ба барқарор ва ҳифзи табиат.

Коркарди технологияҳои тоза кардани обҳои равон, безараргардонии партовҳо ва бетаъсиргардонии партовҳои корхонаҳои саноатӣ.

Таҳлили таъсири антропогенӣ ва техногенӣ ба тағйироти иқлим, мониторинги ҳолати атмосфера ва гидросфера.

Таҳлили тағйироти иқлим, таъсироти антропогенӣ ва техногенӣ ба гуногуншаклии биологӣ, низоми табииву экологӣ ва кишти зироатҳои кишоварзӣ.

Мониторинги гуногуншаклии биологӣ ва амнияти биологӣ.

Мониторинги радиатсионӣ ва амнияти радиатсионии аҳолӣ ва муҳити зист.

Мониторинги ҳолати сейсмологӣ дар марзи мамлакат, коркарди усулҳои пешгӯӣ кардани заминларзаҳо, таъмини амнияти сейсмологӣ, истифодаи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ба даст даровардани иттилооти бефосила ва зуди сейсмологӣ.

3.3.7. Технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ

Рушд ва таъмини дастрасии инфрасохтори муосири иттилоотиву коммуникатсионӣ ба доираи васеъи аҳолӣ, дастгирии рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар марзи мамлакат.

Таъмини самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар идоракунии давлатӣ ва соҳаи иҷтимоиву иқтисодӣ, соҳаҳои илм, тандурустӣ, маориф.

3.3.8. Маориф

Тарбия ва такмили ихтисоси кадрҳои илмиву омӯзгории тахассуси олӣ.

Таҳия намудани стандартҳои давлатии таҳсилот, нақша ва барномаҳои таълим барои мактабҳои 12-солаи таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, аз ҷумла барои бакалаврӣ ва магистратура.

Омода ва нашр кардани китобҳои дарсии силсилаи нав барои мактабҳои 12- солаи таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва мактабҳои олии касбӣ.

Дар назар аст, ки доир ба ҳар яке аз самтҳои дар боло нишондодашудаи афзалиятдори рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат барномаҳои мақсадноки комплексӣ, технологияҳо, тавсияҳои амалӣ ва чорабиниҳои дигаре, ки ба истифодаи босамари натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ нигаронида шудаанд, таҳия карда мешаванд.

Номгӯи муҳимтарин технологияҳои коркардшаванда ва ба истеҳсолот татбиқшаванда ба намуди замима ба бахши мазкури Стратегия оварда шудааст.

## 3.4. Ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионӣ

Аз рӯи сатҳи фаъолияти инноватсионӣ, нуфузи маҳсулоти баландтехнология дар сохтори истеҳсолот ва содирот, рушди инфрасохтори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта хеле қафо мемонад.

Рақобатпазирӣ аз рӯи суръати истифодаи навоварии илмиву техникӣ ва ҳавасмандии истеҳсолоти илмталаб, самаранокии равандҳои инноватсионӣ муайян карда мешавад. Вобаста ба ин истифодаи захираҳои зеҳнӣ ва ташаккули заминаи илмиву технологӣ яке аз вазифаҳои муҳими умумимиллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки қабули тадбирҳои махсусро доир ба рушди инноватсионӣ – ба вуҷуд овардани шароити

зарурии ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқиро талаб мекунад. Бо андозаи фароҳам омадани шароити зарурӣ инфрасохтори инноватсионӣ низ дар шакли марказҳои инноватсионӣ-технологӣ, технопаркҳо, бизнес-инкубаторҳо, марказҳои трансфери технологияҳо ва монанди ин оҳиста-оҳиста ташаккул меёбад.

Ба фаъолгардонӣ ва ҳавасмандии фаъолияти ихтироотӣ кӯшиш ба харҷ додан зарур аст, зеро патентҳо ба ихтироот яке аз омилҳои муайянкунандаи нерӯи инноватсионии мамлакат мебошад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд ба барномаҳои инноватсионии рушди илм ва ба вуҷуд овардани технологияҳо диққати махсус дода шавад, то ки муҳандисон-технологҳо, лоиҳакашон, мутахассисон дар соҳаи менеҷменти инноватсионӣ тайёр карда шаванд ва онҳо тавонанд дар сатҳи баланди касбӣ ба фаъолияти инноватсионии соҳибкорӣ машғул шаванд.

Ба шумори самтҳои афзалиятдоштаи фаъолияти инноватсионӣ дар мамлакати мо ва ҳамкориҳои байнидавлатии инноватсионӣ, ки дар асоси онҳо лоиҳаҳои инноватсионӣ таҳия шуда метавонистанд, инҳоро номбар кардан мумкин аст: маводи металлии конструксионӣ, маводи полимерии композитсионӣ, технологияҳои сарфаи энергия, мувофиқсозии кори гидроузелҳо бо истифодаи усулҳои моделсозии математикӣ, технологияи истеҳсоли пектини камметил, технологияҳо дар соҳаи мониторинги муҳити зист ва пешгирӣ кардани офатҳои табиӣ ва техногенӣ, инженерия ва биотехнологияи генӣ, истифодаи тестҳои физиологӣ дар селексияи навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ, технологияҳои истеҳсоли доруҳои нави табобатӣ дар асоси истифодаи ашёи хоми растаниҳои маҳаллӣ, ташхис, пешгирӣ ва табобати касалиҳои инсон.

Принсип, мақсад ва вазифаҳои асосии гузориш ба роҳи инноватсионии тараққиёт дар Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 муайян карда мешаванд.

### 3.5. Ҳамгироии бахшҳои илми академӣ, соҳавӣ ва мактабҳои олӣ. Тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва сиёсати иҷтимоӣ дар соҳаи илм

Яке аз вазифаҳои Стратегия аз он иборат аст, ки ҳамгироии институтҳои академӣ ва мактабҳои олӣ тақвият дода шавад. Бо ин мақсад тибқи Нақшаи чорабиниҳо доир ба амалисозии Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли с.2009 №371 Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 тасдиқ шудааст. Тадбирҳое омода шудаанд, ки ҷорӣ кардани онҳо боиси муттаҳид кардани нерӯи илмии институтҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва мактабҳои олӣ мегардад ва системаи тайёр кардани мутахассисони ҷавонро мақсаднок ва самараноктар месозад.

Ин ҷо ҷалби кормандони пешбари илмии академӣ ба кор дар асоси ҳамкориҳо дар мактабҳои олӣ барои анҷом додани таҳқиқоти муштарак, хондани лексияҳо ва роҳбарӣ ба аспирантон, навиштани китобҳои дарсӣ ва

дастурҳои таълимӣ дар мадди назар аст. Донишҷӯён барои ҷалб шудан ба кори илмӣ ва гузаронидани таҳқиқот дар институтҳои академӣ имкониятҳои бештар ба даст меоранд.

Зарур аст, ки аз шаклҳои гуногуни ҳамгиро кардани бахшҳои академӣ ва таҳсилотии илм – таъсис додани филиалҳои кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар институтҳои академӣ; институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ; маҷмӯа ва марказҳои илмӣ ва илмӣ-таҳсилотӣ, ассосиатсияҳои муттаҳидкунандаи ташкилотҳои таҳсилотӣ илмӣ ва муҳандисиву конструкторӣ; марказҳои инноватсионӣ; марказҳои илмӣ-таҳсилотии технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ва монанди инҳо истифода карда шавад.

Ба мақсади ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ ва дастгирии вазъи моддии мутахассисони ҷавон - хатмкардагони мактабҳои олӣ дар асоси шартнома ба кор қабул намудани онҳо, аз ҷумла барои иштирок дар иҷрои лоиҳаҳои илмӣ, барномаҳои комплексиву мақсаднок ва шартномаҳо бо хоҷагиҳо бо муқаррар кардани музди меҳнати мувофиқ пешбинӣ мегардад.

Корҳои муштараки илмӣ-таҳқиқотии кормандони институтҳои академӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ ва мактабҳои олӣ аз рӯи шартномаҳои ҳамкорӣ, лоиҳаҳои муштарак аз рӯи грантҳои ташкилотҳои байналхалқӣ ва аз рӯи фармоишҳои вазоратҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо дар асоси бастани шартномаҳо бо хоҷагиҳо гузаронида мешаванд.

Таваҷҷӯҳи махсус ба ҳамкории олимон дар иҷрои барномаҳои комплексӣ ва мақсаднок доир ба масъалаҳои муҳими илмӣ ва илмӣ-техникӣ ва чорабиниҳои Барномаи рушди илмҳои табиёту риёзӣ ва техникӣ барои солҳои 2010-2020, Консепсияи сиёсати давлатии демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2015, Стратегияи миллӣ ва Нақшаи амалиёт доир ба ҳифз ва истифодаи оқилонаи гуногуншаклии биологии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нақшаи миллии амалиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба сабук гардонидани оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва монанди инҳо дода мешаванд. Ташаббуси баргузор намудани конференсияҳои муштараки илмӣ, симпозиум ва семинарҳо, нашри асарҳои илмӣ ва маҷмӯаи мақолаҳо дастгирӣ карда мешаванд.

Тибқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 №296 Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 тасдиқ карда шудааст. Дар асоси ин Барнома чорабиниҳои зарурӣ оид ба тайёр кардани кадрҳои илмии тахассуси олӣ дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ коркард шудаанд, ки онҳо барои бо мутахассисон, хусусан дар соҳаҳои тезрушдкунандаи илм ва технологияҳо пурра таъмин намудани муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ имкон медиҳанд.

Андешидани чораҳо оид ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои таҳсили аспирантҳо, беҳтар намудани системаи тайёр кардани кадрҳои илмии тахассуси олӣ – доктор ва номзадҳои илм ба нақша гирифта мешавад. Корҳо оид ба ташаккул додани шабакаи нави шӯроҳои диссертатсионӣ дар мамлакат, ҳамчунин такмили системаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ ва беҳтар намудани фаъолияти Комиссияи аттестатсионии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ омода карда мешаванд.

Бо мақсади дастгирии иҷтимоии кормандони соҳаи илм мебояд, ки як қатор санадҳои қонунгузорӣ ва меъёриву ҳуқуқӣ омода ва қабул карда шаванд, аз ҷумла: дар бораи такмил додани системаи пардохти меҳнат дар соҳаи илм; дар бораи давра ба давра ҷорӣ намудани системаи шартномавии пардохти меҳнат; дар бораи шароит ва тартиби пардохти меҳнати олимони Академияи илмҳо ва ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ, ки дар асоси ҳамкорӣ дар мактабҳои олӣ кор мекунанд ва ғайра. Дастгирии давлатии кормандони соҳаи илм, хусусан аспирантҳо ва олимони ҷавон ҷиҳати беҳтар кардани шароити зиндагонии онҳо зарур аст.

3.6. Рушди заминаи моддиву техникии илм

Натиҷабахшии таҳқиқоти илмӣ ва афзалиятҳои он, рақобатпазирии коркардҳои олимон аз бисёр ҷиҳат ба ҳолат ва модернизатсияи заминаи моддиву техникӣ, таъмини муҳаққиқон бо навтарин асбобу таҷҳизот, мунтазам нав ва пурра кардани маҷмӯи асбобҳои илмӣ, таъминот бо реактиву препаратҳои кимиёӣ ва монанди инҳо вобаста мебошад.

Бар асари воқеаҳои маълум дар Тоҷикистон дар даҳ соли охир модерни затсияи заминаи моддиву техникии илм ва навсозии маҷмӯи асбобҳои муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ имкон надошт. Бо андозаи беҳтар гардидани ҳолати иҷтимоиву иқтисодӣ дар мамлакат шароити бештари мусоид барои дастгирии молиявии рушди заминаи моддиву техникии илм ба вуҷуд омад. Бо назардошти ин, аз ҷумлаи тадбирҳои аввалдараҷа муайян кардани модернизатсия, тармим ва таъмири иншоотҳои бузурги илмӣ-институтҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, институтҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ, марказҳои илмӣ, кафедраҳо ва лабораторияҳои таҷрибавии мактабҳои олӣ, расадхонаҳо, пойгоҳҳои зилзиласанҷӣ, боғҳои ботаникӣ, пойгоҳҳои биологӣ ва кишоварзӣ, парваришгоҳҳо, осорхонаҳо зарур аст.

Қабули Барномаи рушди заминаи моддиву техникии илм пешбинӣ мешавад, ки тибқи он чорабиниҳо доир ба сохтмон, модернизатсия ва тармими иншоотҳои илм таҳия гардида, номгӯи онҳо, марҳилаҳои иҷро, ҳаҷм ва манбаъҳои маблағгузорӣ муайян карда мешаванд.

3.7. Рушди заминаи итилоотиву коммуникатсионии илм

Бо мақсади ташаккули заминаи иттилоотиву коммуникатсионии илм таҳияи Барномаи махсуси рушди заминаи иттилоотиву коммуникатсионии

илм ва иҷрои як қатор чорабиниҳое, ки ба иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи муосир мусоидат мекунанд, пешбинӣ мешавад.

То соли 2012 ташаккул додани шабакаи иттилоотӣ бо пайвастан ва ба шабакаи байналхалқии иттилоот Интернет баромадани ҳамаи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии мамлакат низ пешбинӣ мегардад. Барои амалӣ кардани ин мақсад бо миқдори кофии компютерҳо ва техникаи дигари иттилоотӣ таъмин намудани институтҳо, лабораторияҳо ва кафедраҳо зарур аст. Дар натиҷа ба гирифтани иттилооти илмӣ аз давлатҳои дигар, марказҳои илмӣ, китобхонаҳо ва монанди инҳо имконият фароҳам меояд. Ҳамчунин таъсиси китобхонаҳои махсусгардонидашудаи электронӣ, маҷаллаҳои электронӣ ва базаҳои иттилоотии маълумот доир ба самтҳои алоҳидаи илм дар назар аст.

Бо мусоидати Ассосиатсияи тоҷикистонии истифодакунандагони шабакаҳои компютерии академӣ, таҳқиқотӣ ва таҳсилотии институтҳои академӣ ва мактабҳои олӣ ба истифодаи системаи алоқаи оптикӣ-нахии муосир гузаронида мешаванд.

Дар амалияи илмӣ татбиқ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионии насли нав тайёр кардани мутахассисони баландихтисосро дар мактабҳои олӣ ва ба тартиб даровардани системаи тайёр кардан ва такмили ихтисоси кормандони илмӣ ва мутахассисонро дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ талаб мекунад.

Дар баробари тараққӣ додани коммуникатсия ва технонологияҳои компютерӣ таваҷҷӯҳи зарурӣ ба дастгирӣ ва таҳкими заминаҳои иттилоотии анъанавии илм - китобхонаи илмӣ дода мешавад. Дар солҳои охир, тавре ки маълум аст ба китобхонаҳои илмӣ ворид гардидани адабиёти махсуси илмӣ аз давлатҳои дигар якбора кам гардид. Мубодилаи байналхалқии байни китобхонаҳо дар сатҳи паст қарор дорад, барои бо нашрияҳои нави илмӣ пурра кардани китобхонаҳо хеле кам маблағ ҷудо мешавад.

Стратегия дастгирии китобхонаҳои илмӣ ва пурра кардани фондҳои адабиёти илмӣ, ба базаи маълумот пайвастани нашриётҳои пешсафи илмӣ ва маҷаллаҳо, дастгирии нашри асарҳои илмӣ, адабиёти иттилоотиву маълумотӣ, дастурҳои илмиву методиро пешбинӣ мекунад.

Ба мақсади дар сатҳи стандартҳои муосир таъмин намудани нашри асарҳои илмӣ барқарор кардани нашриёти "Дониш"-и Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, модернизатсияи матбааи "Дониш" ва бо таҷҳизоти муосири технологӣ таъмин намудани онро пешбинӣ мекунад.

### 3.8. Рушди ҳамкориҳои байналхалқии илмӣ

Ояндаи илми Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки он то чӣ андоза тез ва самаранок ба фазои ҷаҳонии илм ворид шуда метавонад. Бо назардошти ин чораҳое андешида мешаванд, ки ба дастгирӣ ва рушди шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ ва шарикии олимони Тоҷикистон бо олимони давлатҳои дигар равона гардидаанд. Дар Стратегия ба таври назаррас тавсиа бахшидан ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳо бо

ташкилот ва муассисаҳои илмии давлатҳои ИДМ, давлатҳои дигар, ташкилотҳои байналмилалӣ, фондҳо, ассосиатсияҳо ва монанди инҳо ҳам дар асоси шартномаву созишномаҳои баимзорасондаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо ва ҳам Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои алоҳидаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва мактабҳои олӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳамчунин ҷалби олимон ба иҷрои лоиҳаҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар чаҳорчӯбаи созишномаву шартномаҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама бо давлатҳои ИДМ, барномаву лоиҳаҳо аз рӯи грантҳо, ки аз тарафи марказҳо, фондҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Маркази байналхалқии илмӣ-техникӣ, Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (ФАО), Фонди ҷаҳонии экологӣ, Ташкилоти умумиҷаҳонии СММ доир ба масъалаҳои тандурустӣ, Ташкилоти СММ доир ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО), Ташкилоти давлатҳои исломӣ доир ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ИСЕСКО), Агентии байналхалқии энергияи атомӣ (МАГАТЭ), Маркази байналмилалӣ доир ба таҳқиқоти кишоварзӣ дар минтақаҳои хушкида (ИКАРДА), Маркази байналмилалӣ доир ба беҳтар кардани ҷуворимакка ва гандум (СИММИТ), Институти байналмилалии захираҳои генетикӣ (ИПГРИ) низ пешбинӣ гардидаанд. Тавсиаи ҳамкориҳои бисёрҷанбаи байналхалқии илмӣ аз рӯи самтҳои Ассосиатсияи байналмилалии академияи илмҳо (МААН), Ассосиатсияи Академяи илмҳои Осиёи Марказӣ (ААНСЦА), Академияи илмҳо барои ҷаҳони рушдкунанда (ТВАС), Кумитаи доимии ҳамкории илмӣ ва технологии Ташкилоти конференсияи исломӣ (КОМСТЕК) дурнамои хуб дорад.

Таваҷҷӯҳи махсус ба тавсиаи имкониятҳои сафари олимон ба марказҳои пешсафи илмӣ-таҳқиқотии хориҷӣ барои кори илмӣ ва барои иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ ва чорабиниҳои дигари илмӣ равона карда мешавад.

Дастгирӣ ҷиҳати дар мамлакати мо баргузор намудани конференсияҳои байналмилалии илмӣ, симпозиумҳо, спминарҳо ва монанди инҳо доир ба масъалҳои муҳими илм пешбинӣ мешавад.

Дар натиҷаи амалисозии ин чорабиниҳо имконияти иштироки олимони Тоҷикистон дар баргузории таҳқиқоти муштарак бо олимони хориҷа аз рӯи лоиҳаву барномаҳои байналмилалӣ, истифодаи базаи муосири таҷрибавӣ ва асбобии марказҳои илмии хориҷӣ, таҳсил ва такмили ихтисоси олимони ҷавон ба таври назаррас тавсиа мeёбад. Намояндагии васеъи олимони Тоҷикистон дар конференсияҳо ва чорабиниҳои дигари илмӣ дар давлатҳои хориҷӣ ва баргузории онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баромади илмӣ мамлакати мо ба фазои байналмилалии илм, таҳкими афзалиятҳои дастовардҳои олимони тоҷик ва ба даст овардани иттилооти зарурӣ доир ба комёбиҳо ва равишҳои рушди илм дар ҷаҳон мусоидат менамояд.

## 4. Дастгирии давлатии рушди илм ва технология ва ислоҳоти идораи давлатӣ дар соҳаи илм ва технология

Барои дастгирии нерӯи илмӣ ва тақвияти таъсири он ба рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат шарти асосӣ таъмини маблағгузории босуботи давлатӣ, афзоиши давра ба давраи захираҳои молиявӣ дар соҳаи илм мебошад.

Муҳимтарин ҷузъҳои ислоҳоти системаи идораи соҳаи илм такмили заминаҳои қонунгузорӣ, меъёриву ҳуқуқии илм, механизмҳои маблағгузорӣ, ташкили таҳқиқот, сиёсати андоз ва дастгирии иҷтимоии кормандони соҳаи илм мебошанд, аз ҷумла:

-ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феарали соли 2000 №54 "Дар бораи тартиби аккредитатсияи давлатии муассисаҳои илмӣ" ва тартиб додани Феҳристи давлатии муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

-амалисозии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006 №525 "Дар бораи тасдиқи қоидаҳои ташаккул, экспертиза, тасдиқи маблағгузорӣ ва амалисозии барномаву лоиҳаҳои илмӣ, илмӣ-техникие, ки аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешаванд";

-амалисозии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 №661 "Дар бораи тадбирҳои дастгирӣ ва рушди минбаъдаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015»;

-такмили системаи пардохти меҳнат дар соҳаи илм аз ҷумла пардохти меҳнати доктор ва номзадҳои илм барои роҳбарӣ ба аспирантҳо;

-коркард ва амалисозии механизми фармоиши давлатӣ ба таҳқиқоти илмӣ;

-таъмини сершумории манбаъҳои маблағгузории корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ - конструкторӣ аз ҳисоби дастгирии фаъолонаи онҳо бо фондҳои мақсадноки давлатӣ;

-ба вуҷуд овардани шароити мусоид бораи инвеститсияи маблаҳҳои корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо, ташкилотҳои блйналмилалӣ ва соҳибкорон ба илм;

-рушди оғози асосҳои озмунӣ дар тақсимоти маблаҳҳо ба барномаҳои илмӣ;

-давра ба давра ҷорӣ намудани системаи шартномавии пардохти меҳнат дар соҳаи илм;

-ба вуҷуд овардани шароит ва фароҳам намудани захираҳои зарурӣ барои иштироки олимони Тоҷикистон дар лоиҳаҳои байналмилалӣ;

-фароҳам овардани шароит барои фаъолияти иттиҳодияҳои илмии ҷамъиятӣ.

## 5. Таъмини молиявии амалисозии Стратегия

Чораҳои асосии ҳавасмандгардонии давлатии фаъолияти илмӣ, илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ инҳо мебошанд:

-таъмини истифодаи самаранок ва мақсадноки маблаҳҳои буҷет, ки барои маблағгузории таҳқиқоти илмӣ ва мусоидат ба пешрафти илмӣ-техникӣ ҷудо мешаванд;

-мутамарказ гардонидани захираҳои буҷетӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ ва барномаҳои мақсадноку комплексии илмӣ ва илмӣ-техникӣ.

Манбаъи таъминоти захиравии илм маблағгузории буҷетӣ, ғайрибуҷетӣ ва дигар манбаъҳо мебошад.

Дар шароити маҳдуд будани маблағҳои буҷетии ба соҳаи илм ҷудошаванда вазифаи беҳад муҳим ҷустуҷӯ ва истифодаи самараноки манбаъҳои ғайрибуҷетӣ барои маблағгузории корҳои амалӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ, ҳамчунин барои ба гардиши хоҷагидорӣ ҷалб намудани коркардҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ мебошад.

Ҳавасманд кардани соҳибкории хурд ва миёнаи илмӣ-техникӣ, технологӣ ва инноватсионӣ бо назардошти рушди инфрасохтори тиҷоратӣ хурд ва миёна, ҳамчунин дар асоси озмун дастгирӣ кардани лоиҳаҳои ояндадори илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ зарур аст. Ба назар гирифтан мебояд, ки дар бисёре аз кишварҳо ҳиссаи зиёди маҳсулоти инноватсиониро ширкатҳои тиҷорати хурд ва миёна ворид месозанд.

Манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ маблағҳои ташкилот ва фондҳои байналмилалӣ, корхонаву ширкатҳои хусусӣ ва маблағҳои хусусии ташкилотҳои илмӣ буда метавонанд.

Нишондиҳандаҳои дурнамои мақсадноки хароҷоти молиявӣ ва манбаъҳои маблағгузорӣ дар соҳаи илм зимни таҳия ва татбиқи барномаҳои алоҳидаи рушди илм тибқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 (Барномаи комплексӣ ва мақсадноки истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, амсоли энергияи офтоб, дарёҳои хурд, энергияи шамол, биомасса ва обҳои зеризаминӣ барои солҳои 2007-2015; Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015; Барномаи татбиқи дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2015; Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015; Барномаи рушди заминаи моддӣ-техникии илм; Барномаи рушди фаъолияти инноватсионӣ; Барномаи рушди заминаи иттилоотиву иртиботии илм) муайян карда мешаванд.

## 6. Идоракунии амалисозии Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015

Стратегия аз тарафи ҳамаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои соҳавӣ ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ амалӣ карда мешавад.

Назорат аз болои амалишавии Стратегия ба зиммаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузошта мешавад. Рафти амалишавии Стратегия, баҳодиҳии муҳимият ва самаранокии чораҳое, ки ба расидани мақсад ва ҳалли вазифаҳои Стратегия нигаронида шудаанд, пешниҳод доир ба беҳтар шудани корҳои ташкилӣ оид ба назорат ҷиҳати амалисозии Стратегияро Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд.

Ҷамъоварӣ, ҷамъбаст ва баҳодиҳии маводҳо доир ба иҷрои Стратегия, таҳлили масъалаҳои пайдошуда, омода кардани тавсияҳо доир ба таҳия ва иҷрои барномаву чорабиниҳо роҷеъ ба самтҳои Стратегия аз тарафи Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд,

Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол то 15 декабр ҳисоботро доир ба рафти иҷрои амалишавии Стратегия ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

**7. Нақшаи чорабиниҳо доир ба амалисозии Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015**

| № | Чорабиниҳо | Иҷрокунандагон | Мӯҳлат, сол |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| 1. | Такмили заминаи қонунгузорӣ ва меъёриву ҳуқуқии илм | | |
| 1.1. | Омода ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод кардани сохтори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи идораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ислоҳоти сохториву маъмурии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Академияи илмҳои ҶТ | 2010 |
| 1.2. | Омода ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани дархостҳо дар бораи такмили системаи пардохти меҳнат дар соҳаи илм | Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Академияи илмҳои ҶТ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тиббӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ | 2011<br>2013<br>2015 |
| 1.3 | Омода ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи механизми фармоиши давлатӣ ба таҳқиқоти илмӣ» | Академияи илмҳои ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Вазорати тандурустии ҶТ, Вазорати маорифи ҶТ, Вазорати кишоварзии ҶТ | 2011 |
| 1.4. | Анҷом додани инветаризатсия ва аккредитатсияи муассисаву ташки-лотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тартиб додани Феҳристи давлатии муасси-саҳои илмӣ-таҳқиқотӣ | Комиссияи Ҷумҳурии Тоҷи-истон доир ба аккредитатсияи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, Комиссияи байниидоравӣ доир ба гузаронидани инвентаризатсияи муассиса ва ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ | 2011 |
| 1.5. | Таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи васеъ кардани салоҳияти фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмиву тадқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техники, тиббӣ, ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷи-кистон» ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Академияи илмҳои ҶТ, Вазорати маорифи ҶТ, Вазорати тандурустии ҶТ, Вазорати кишоварзии ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ | 2011 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Омода ва ба вазорату идораҳо, таш-килоту корхонаҳои ҳама шаклҳои моликият пешниҳод намудани номгӯи муҳимтарин коркардҳои илмӣ барои татбиқи амалӣ | Академияи илмҳои ҶТ, Акаде-мияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тиббӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муассисаҳои илмиву тадқиқотии соҳавӣ, мактабҳои таҳсилоти олӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Вазорати энергетика ва саноати ҶТ, Вазо-рати тандурустии ҶТ, Вазорати кишоварзии ҶТ, Вазорати маорифи ҶТ | Ҳар сола |
| 3. | Омода ва ба вазорату идораҳо, ташкилоту корхонаҳои ҳама шаклҳои моликият пешниҳод намудани номгӯи лоиҳаҳои инноватсионӣ | Академияи илмҳои ҶТ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ | Ҳар сола |
| 4. | Таҳияи Барномаҳо доир ба амалисозии Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015 | Академияи илмҳои ҶТ | 2011 |
| 4.1. | Барномаи рушди заминаи итти-лоотӣ-коммуникатсионии илм | Академияи илмҳои ҶТ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Маркази миллии патенту иттилоотии Вазорати иқтисод ва савдои ҶТ, Вазорати маорифи ҶТ | 2011 |
| 4.2. | Барномаи рушди заминаи моддӣ-техникии илм | Академияи илмҳои ҶТ, Акаде-мияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тиббӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Вазорати маорифи ҶТ, Вазорати тандурустии ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ | 2011 |
| 4.3. | Таҳияи барномаҳои рушди соҳаҳои алоҳидаи илм дар чаҳорчӯбаи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 (илмҳои техникӣ, кишоварзӣ, ҷуғрофӣ ва илмҳои дигар) | Академияи илмҳои ҶТ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Вазорати маорифи ҶТ, Вазорати тандурустии ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Вазорати энергетика ва саноати ҶТ | 2011-2013 |
| 5. | Омода кардани пешниҳод доир ба рушди ҳамкориҳои байналхалқии илмӣ ва илмӣ-техникӣ | Академияи илмҳои ҶТ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тиббӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, вазоратхо ва идораҳо | Доимӣ |
| 6. | Омода кардани пешниҳод доир ба ташаккули шабакаи нави шӯроҳои диссертатсионӣ, аз ҷумла шӯроҳои асосӣ (базавӣ), минтақавӣ ва байниидоравӣ | Комиссияи аттестатсионии ҶТ | Доимӣ |
| 7. | Омода кардани пешниҳод доир ба беҳтар кардани фаъолияти Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамаи системаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории | Академияи илмҳои ҶТ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷи-кистон, Академияи илмҳои тиббӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Вазорати маорифи ҶТ, Вазорати тандурустии | 2011 2013 2015 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | тахассуси олӣ | ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ | |
| 8. | Таҳлили натиҷаҳои иҷрои барно-маи амалисозии Консепсияи сиёсати давлатии демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2015 ва омода кардани пешниҳод доир ба рушди минбаъдаи таҳқиқот оид ба масъалаҳои демография ва таҳияи тавсияҳои амалӣ доир ба сиёсати демографӣ | Академияи илмҳои ҶТ, Вазора-ти рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ, Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2015 |
| 9. | Омода ва амалӣ кардани барнома-ҳои мақсаднок ва комплексии илмӣ ва илмӣ-техникӣ доир ба самтҳои афзалиятдоштаи илм ва рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат | Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, Академияи илмҳои ҶТ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Акаде-мияи илмҳои тиббӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, вазоратҳо ва идораҳо | Доимӣ |
| 10. | Таҳлили фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва ташкилотҳо ҷиҳати исти-фодаи манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузории таҳқиқоти илмӣ ва коркардҳои амалӣ ва таҳияи тав-сияҳо доир ба таъмини шароити зарурӣ барои зиёд кардани ҳаҷмҳои маблағгузориҳои ғайрибуҷетӣ | Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, Академияи илмҳои ҶТ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тиббӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Вазорати маорифи ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ | Ҳар сола |
| 11. | Таҳлили рафти иҷрои Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар ҶТ барои солҳои 2009-2015, Тадбирҳо бобати дастгирии илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар ҶТ барои солҳои 2009-2015, Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии ҶТ барои солҳои 2010-2015, Барномаи ҷорӣ кардани дастовардҳои илмиву техникӣ дар истеҳсолоти саноатии ҶТ барои солҳои 2010-2015, Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, математи-каву техникӣ барои солҳои 2010-2020, Барномаи комплексии мақсадноки истифодаи васеи энергияи барқароршаванда амсоли дарёҳои хурд, энергияи офтоб, энергияи шамол, биомасса, энергияи чашмаҳои обҳои гарм барои солҳои 2007-2015 | Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, Академияи илмҳои ҶТ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тиббӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Вазорати маорифи ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Вазорати тандурустии ҶТ, Вазорати кишоварзии ҶТ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва саноати ҶТ | Ҳарсо ла |

Замима ба банди 3-и
Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи
илм ва технология барои солҳои 2007-2015
«Мутамарказгардонии нерӯи илмӣ ва техно-
логӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи рушди
иқтисодиву иҷтимоии мамлакат»

**НОМГӮИ**
**муҳимтарин технологияҳое, ки барои коркард ва татбиқ**
**дар истеҳсолот тайи солҳои 2011-2015 ба нақша гирифта шудаанд**

| № | Номи технология | Ташкилоти масъул ҷиҳати коркарди технология | Мӯҳлати коркард, солҳо | Натиҷаҳои чашмдошт, самараи иқтисодӣ | Вазорат, идора, ташкилот ва корхонае, ки технологияро татбиқ карда метавонад |
|---|---|---|---|---|---|
| Гидроэнергетика, истифодаи комплексӣ ва оқилонаи захираҳои об, манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва технологияҳои сарфаи энергия | | | | | |
| 1. | Системаҳои пурсамари пайвандии офтобии фотоэлектрикӣ ва ҳароратӣ барои ба даст овардани гармӣ ва барқ | Институти физикаву техникаи ба номи С.У. Умарови Академияи илмҳои ҶТ, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ | 2011-2015 | Системаҳои пурсамари пайвандии офтобии фотоэлектрикӣ ва ҳароратӣ омода карда мешаванд, ки имкон медиҳанд энергияи офтоб ба энергияи барқ ва ҳароратӣ бо самаранокии 50% табдил дода шавад. Ҷорӣ кардани чунин системаҳо сарфи ма-водро то 20% кам мекунад, истифодаи масоҳатро ду баробар коҳиш медиҳад, сарфи сӯзишвории органикӣ ва ихроҷи газҳоро кам месозад. Энергияе, ки аз 1 м2 системаҳои пайвандӣ ҳангоми нурафшонии пурзӯри офтоб 1 кВт/м2 дар муддати 4-5 соати офтобии рӯзона ҳосил мешавад, 2,0-2,5 кВт/с.-ро ташкил медиҳад | Вазорати энергетика ва саноати ҶТ, Вазорати кишоварзии ҶТ, Вазорати тандурустии ҶТ, Ҳукумати ш.Душанбе, хоҷагиҳои коммуналиву истиқоматӣ, истифодакунан-дагони инфиродӣ |
| 2. | Коркард ва татбиқи моделҳои математикии муносибгардонӣ | Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва | 2011-2015 | Ба вуҷуд овардан ва татбиқи моделҳо ва интерфейс имкон медиҳад, ки чорабиниҳо доир ба баланд бардоштани самаранокии | Вазорати энергетика ва саноати ҶТ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | (оптимизатсия)-и кори неругоҳи барқӣ бо обанбор | экологияи Академияи илмҳои ҶТ | | истифодаи иншооти энергетикӣ, иқтидори нерӯгоҳи барқӣ аз обанборҳо, пешгӯӣ кардани седиментатсия дар об-анборҳо таҳия карда шаванд | |
| Комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ, ба вуҷуд овардани маводи нав ва технологияҳои муосир | | | | | |
| 1. | Коркарди техно-логияи ҳосил кардани коагулянтҳо барои тоза кардани оби нӯшокӣ ва техникӣ аз ашёи хоми маҳаллӣ ва партовҳои саноатӣ | Муассисаи давлатии илмии «Институти ил-миву тадқиқотии саноат», Муассисаи дав-латии илмиву таҷрибавӣ ва истеҳсолии Ака-демияи илмҳои ҶТ» | 2011-2012 | Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда 1500-3000 т. дар солро ташкил медиҳад, даромаднокӣ 160-300 ҳазор сомонӣ, ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меоянд, шароити зиндагии аҳолӣ беҳтар мешавад | Вазорати энергетика ва саноати ҶТ, Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати алюми-нийи Тоҷи-кистон» |
| 2. | Технологияи ға-нисозии маъданҳои фосфоритии кони «Қаратоғ» | Муассисаи давлатии илмии «Институти ил-миву тадқиқотии саноат», Институти хи-мияи ба номи В.И.Никитини Академияи илмҳои ҶТ | 2011-2013 | Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда дар давраи аввал 3000 т дар солро ташкил медиҳад, даромаднокӣ 340 ҳазор сомонӣ, қисмати зиёди эҳтиёҷоти соҳаи кишоварзӣ бо нуриҳои фосфорӣ таъмин мешавад | Вазорати энергетика ва саноати ҶТ, Вазорати кишоварзии ҶТ, КМ «То-ҷик Азот» |
| 3. | Технологияи ҳосил кардани нуриҳои фосфорӣ (аммофос, суперфосфат) аз орди фосфоритӣ | Муассисаи дав-латии илмии «Институти илмиву тадқиқотии саноат», Институти хи-мияи ба номи В.И.Никитини Академияи илмҳои ҶТ | 2011-2013 | Истеҳсоли нуриҳои фосфорӣ ва таъми-ни соҳаи кишоварзӣ бо нуриҳои фосфорӣ ба роҳ монда мешавад | Вазорати энергетика ва саноати ҶТ, Вазорати кишоварзии ҶТ, КМ «Тоҷик Азот» |
| 4. | Технологияи ҳосил | Институти хи-мияи | 2011-2013 | Истеҳсоли пектинҳо барои эҳтиёҷи | Вазорати энергетика ва |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | кардани пектин аз партовҳои хӯрокворӣ ва саноатӣ | ба номи В.И.Никитини Академияи илмҳои ҶТ, Муассисаи давлатии илмиву таҷрибавӣ ва истеҳсолии Академияи илмҳои ҶТ | | саноати дорусозӣ ва хӯ-рокворӣ ба роҳ монда мешавад | саноати ҶТ, Вазорати тандурустии ҶТ |
| 5. | Технологияи ҳосил кардани маснуоти сангрехтӣ дар асоси базалт | Муассисаи давлатии илмии «Институти илмиву тадқиқотии саноат», Муассисаи дав-латии илмиву таҷрибавӣ ва истеҳсолии Академияи илмҳои ҶТ | 2011-2012 | Истифодаи технологияи нав имкон медиҳад қубурҳои оҳанӣ ва дигарро бо қубурҳои сангрехтӣ имкон медиҳад масъалаи дарозумриву мустаҳкамии қубурҳо ҳал гардад, вазъи экологӣ беҳтар шавад | Вазорати энергетика ва саноати ҶТ, хоҷагиҳои коммуналӣ |
| 6. | Коркарди технологияи ҳосил кардани кокс ва маҳсулоти дигари изофӣ аз ангишти кони Фон-Яғноб | Муассисаи давлатии илмии «Институти илмиву тадқиқотии саноат» | 2011-2010 | Бо кокс ва маҳсуло-ти дигари корхонаҳои металлургии ҷумҳурӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда дар давраи аввал 1800 т кокс, даромаднокӣ 120 ҳазор сомонӣ дар сол мебошад | Вазорати энергетика ва саноати ҶТ, |
| 7. | Технологияи ҳо-сил кардани хӯлаҳои чандтаркибаи алюми-ний бо сохтори моди-фикатсияшудаи кафолатдор | Институти химияи ба номи В.И. Никитини Академияи илмҳои ҶТ, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ | 2011-2015 | Корхонаҳо бо хӯлаҳои алюминийи хо-сиятҳои махсусдошта таъмин карда мешаванд | Вазорати энергетика ва саноати ҶТ, Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати алюми-нийи Тоҷикистон» |
| Кишоварзӣ, амнияти озуқаворӣ | | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Селексияи навъҳои нави серҳосили пахтаи миёнанах бо стифодаи технологияи фотосинтезии интихоби маводи аввалия | Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи илмҳои ҶТ | 2011-2015 | Навъи нави пахта бо ҳосилнокии 45 с-дар га бо нахи V–тип ва барориши нахи 38-40% | Вазорати кишоварзии ҶТ, хоҷагҳои пахтакор |
| 2. | Коркарди системаи нави ҳосил кардани маводи яккачини тухмии картошка дар асоси биотехнологияи ҳуҷайравӣ | Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи илмҳои ҶТ, Институти боғдорӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | 2011-2011 | Барои татбиқ системаи нави парвариши тухми картошка бо даври кӯтоҳкардашудаи ҳосил кардани маводи яккачини тухмии картошка (4 сол) коркард ва пешниҳод мешавад. Ин система ҳамчунин имкон медиҳад, ки ба кори селексионии ҳосил кардани навъҳои серҳосил ва ба касалиҳову зараррасонандаҳо устувори картошка суръат бахшида шавад | Вазорати кишоварзии ҶТ, хоҷагиҳои картошкапарвар |
| 3. | Такмил додан ва дар истеҳсолот татбиқ намудани усулҳои интегратсияшудаи мубориза бар зидди зарарасонандаҳои зироатҳои кишоварзӣ дар шароити нави хоҷагидорӣ | Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н. Павловскийи Академияи илмҳои ҶТ, Институти зироаткорӣ, Институти боғдорӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | 2011-2015 | Татбиқи амалии усулҳои мукаммалгардонидашудаи интеграсияшудаи мубориза бар зидди зарраррасо-нандаҳои зироатҳои кишоварзӣ истифодаи пеститсидҳоро якбора кам гардонида, ҳосилнокии зи-роатҳои кишоварзиро баланд мебардорад ва ҳолати экологии муҳити зистро беҳтар мегардонад | Вазорати кишоварзии ҶТ, хоҷагиҳои муштарак ва деҳқонӣ |
| 4. | Технологияи баркароркунии ҳосилнокӣ ва истифодаи устуво-ри чарогоҳ ва алафзорҳои Тоҷикистон | Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи илмҳои | 2011-2015 | Истифодаи технологияи зиёд кардани ҳосилнокии чарогоҳ (кишти иловагии алафҳои хӯрокӣ, порузанӣ, нобуд кардани алафҳои ғайриғизоӣ) ва истифодаи оқилонаи онҳо ҳосилнокии чарогоҳҳои | Вазорати кишоварзии ҶТ, хоҷагиҳои муштарак ва деҳқонӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ҶТ, Институти чорводории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | | табииро 2,5 баробар зиёд мекунад | |
| 5. | Селексияи навъҳои зироатҳои ғалладо-нагӣ, лӯбиёгӣ, рав-ғандиҳанда ва хӯро-ки чорвои ба касали-ҳо, зараркунандаҳо ва омилҳои ғайриод-дии муҳити атроф устувор | Институти зиро-аткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | 2011-2015 | Зиёда аз 10 навъи нав бо ҳосилнокии онҳо 20-25 % зиёд-тар аз ҳосилнокии навъҳои ноҳиябандишуда ба вуҷуд оварда шуда, дар истеҳсолот татбиқ карда мешаванд | Вазорати кишоварзии ҶТ, хоҷагиҳои кишоварзӣ |
| 6 | Ба вуҷуд овардан ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани навъҳои нави пахтаҳои маҳиннах ва миёнанах | Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | 2011-2015 | Навъҳои нави пахтаи миёнанах бо ҳосилнокии 40-45 с/га, бо типи нахи IV-V ва ҳосилнокии 37-38 %-и нах, навъҳои пахтаи маҳиннах бо типи нахи I-II, ҳосилнокӣ 35-40с/га офарида мешаванд. Зиёдшавии ҳосилнокии онҳо нисбати навъҳои нав 20-25 %-ро ташкил мекунад | Вазорати кишоварзии ҶТ, хоҷагиҳои пахтакор |
| 7. | Ба вуҷуд овардан ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани навъҳои серҳосили зироатҳои тухмакдору донакдор, ситрусӣ, ангур, сабзавот ва картошка | Институти боғдорӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | 2011-2015 | Дар истеҳсолот ҷорӣ намудани навъҳои нави меваю сабзавот, картошка 10-15% баланд бардоштани ҳосилнокии онҳоро таъмин менамояд | Вазорати кишоварзии ҶТ, хоҷагиҳои кишоварзӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 8. | Мукаммалгардонии технологияи парвариши ду ҳосили дон дар як сол аз заминҳои обёришаванда бо истифодаи зироатҳои ғайрианъанавӣ (лубиёдонагиҳо, равғандиҳанда) | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур, Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | 2011-2015 | Татбиқи технологияҳои мукаммал барои дар як сол ба даст овардани 80-100 с/га дони зироатҳои ғаллагӣ, лӯбиёдонагӣ, равғандиҳанда, баланд бардоштани ҳосилхезии хок ва нигоҳ доштани мувозинати экологии муҳит шароит фароҳам ме-оварад | Вазорати кишоварзии ҶТ |
| 9. | Ҳосил кардани тухм-ҳои баландсифати навъҳои ноҳиябанди-шуда ва перспективии зироат | Институти зиро-аткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, хоҷагиҳои тухмипарварии ба феҳристи хоҷагиҳои тухмипарвар дохил-шуда, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 ию-ли с.2009 №413 ва аз 30 марти с.2010 №170 тас-диқ шудааст | 2011-2015 | Ҷорӣ кардани ин технология дар хо-ҷагиҳои тухмипарвар имкон медиҳад, ки хоҷагиҳои ҷумҳурӣ бо тухмҳои элита, репродуксияҳои 1, 2, 3 таъмин гарданд, ки ин барои баланд бардоштани ҳосилнокии зироати кишоварзӣ имконият фароҳам меорад | Вазорати кишоварзии ҶТ |
| 10. | Ба вуҷуд овардани зоту ҷинсҳои нави чорвои кишоварзӣ ва такмил додани сифатҳои ирсӣ ва маҳсулнокии онҳо | Институти чор-водории Акаде-мияи илмҳои ки-шоварзии Тоҷи-кистон | 2011-2015 | Самаранок истифода бурдани зоту ҷинсҳои нави сермаҳсули чорво барои баланд бардоштани маҳсулнокии онҳо аз 12 то 15 % мусоидат менамояд. Самараи иқтисодӣ 4,5-5,0 млн сомони-ро ташкил медиҳад | Вазорати кишоварзии ҶТ, хоҷагиҳои чорводорӣ |
| 11. | Такмил додан ва дар амал ҷорӣ намудани | Институти чорводории | 2011-2015 | Бонки нутфаю ҷанини чорвои зотҳои сермаҳсул ва ҳайвоноти нодир, инчунин | Вазорати кишоварзии ҶТ, хоҷагиҳои чорводорӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | технологияи самараноки гирифтан, яхкунонии нутфаю ҷанини чорвои кишоварзӣ ва ҳайвоноти ёбоӣ | Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | | пешбурди корҳои селексионӣ таъсис дода мешавад. Самаранокии иқтисодӣ 0,5-1 млн. сомониро ташкил медиҳад | |
| 12. | Коркард ва истифо-дабарии ваксинаҳо ва диагностикумҳо бар зидди бемориҳои сироятии чорво | Институти бай-торӣ, Корхонаи илмӣ-истеҳсолии «Доруҳои биологӣ» | 2011-2015 | Истифодабарии ваксинаҳо самара-нокии табобати бемориҳои сироятии чорворо ба қадри назаррас баланд мебардорад. Самараи иқтисодӣ ба 1 сомонии харҷшуда 6-10 сомониро ташкил медиҳад | Вазорати кишоварзии ҶТ, хоҷагиҳои чорводорӣ |
| Тандурустӣ | | | | | |
| 1. | Коркарди техно-логияи ҳосил кардани ҳомилони доруҳои табобатӣ дар асоси моддаҳои пектинӣ ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот | Институти хи-мияи ба номи В.И.Никитини Академияи илмҳои ҶТ | 2011-2012 | Ҳомилони доруҳои табобатӣ дар асоси полимерҳои табиии устувор ба таъсироти ҷузъҳои тракти меъдаву рӯда ба вуҷуд оварда мешаванд ва барои дар истеҳсолот татбиқ кардани онҳо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ таҳия мегарданд | Вазорати кишоварзии ҶТ, Вазорати тандурустии ҶТ |
| 2. | Таҳия ва ворид намудани технологи-яҳои ташхиси хусу-сиятҳои генетикии гепатитҳои вирусӣ ва такмили табобати гепатитҳои музмин (хроникӣ) ва сиррозияи ҷигар | Институти гаст-роэнтерологияи Академияи илмҳои тиббӣ | 2011-2015 | Ба қадри назаррас кам кардани касалиҳои вируси гепатитдор муяссар мегардад | Вазорати тандурустии ҶТ |
| 3. | Коркард ва татбиқи технологияҳои радиологӣ ва радиоиммунии ташхиси пешакии касалиҳои узвҳои ҳозима ва | Институти гаст-роэнтерологияи Академияи илмҳои тиббӣ | 2011-2015 | Системаи ташхиси саривақтӣ ва табо-бати самараноки беморони гирифтори касалиҳои системаи меъдаву рӯда ба роҳ монда мешавад | Вазорати тандурустии ҶТ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | касалиҳои онкологӣ | | | | |
| 4. | Коркард ва татбиқи усулҳои муосири самарабахши экстра-корпоралии гемо - ва лимфокоррексия дар ҳолатҳои барои беморон хавфнок (гемодиализ, гемодиафилтратсия, диализи перитоне-алӣ) | Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипло-мии кадрҳои тиббии Тоҷикистон, Маркази илмии шаҳрии реаниматсия ва детокси-катсия | 2011-2012 | Истифодаи ин усулҳо фавт ва маъюбшавиро ба андозаи 15-20% паст мегардонад | Вазорати тандурустии ҶТ, шӯъбаҳои реаниматсия ва терапияи интенсивии муассисаҳои табобатӣ |
| 5. | Ҷарроҳии рентгено-эндоваскулярии касалиҳои дил ва раг | Кафедраи каса-лиҳои ҷарроҳишавандаи №2 Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | 2007-2012 | Кӯмаки ҷарроҳӣ ба беморон бо патологияи узвҳои гардиши хун беҳтар гар-дида, фавт ва маъюбшавии аҳолӣ кам карда мешавад | Вазорати тандурустии ҶТ, Маркази илмии ҷумҳуриявии ҷарроҳии дилу раг ва қафаси сина, Маркази ҷумҳуриявии клиникии кардиологӣ |
| 6. | Ҷарроҳии эндоскопии касалиҳои узвҳои қафаси сина ва шикам | Маркази илмии ҷумҳуриявии ҷарроҳии дилу раг ва қафаси сина | 2011-2015 | Паст кардани бодҳои баъдиҷарроҳӣ, кам кардани мӯҳлати бистаригардо-нии бемор дар статсионар амалӣ мешавад | Вазорати тандурустии ҶТ, Маркази ҷумҳуриявии клиникии кардиологӣ |
| 7. | Истифодаи техноло-гияи бордоркунии экстракорпоралӣ ва интиқоли ҷанинҳои занони бемори безурриётӣ бо ёрии агонистҳо ва антаго-нистҳои гонадолиберин | Институти момодоягӣ, гинекологӣ ва педиатрияи Вазорати тандурустии ҶТ | 2011-2015 | Сатҳи безурриётии занон дар ҶТ хеле кам мешавад | Вазорати тандурустии ҶТ |
| | Устуворӣ ва амнияти экологӣ | | | | |
| 1. | Таъсиси хадамоти назорати ҳаракатҳои | Институти геология ва | 2011-2012 | Самаранокии баланди тайёр кардан ва пешниҳод намудани иттилооти сейсмологӣ | Вазорати энергетика ва саноати ҶТ, ҶКС «Барқи |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | қавӣ дар сарбандҳо дар асоси системаи рақамии бақайдгирӣ | сейсмологияи Академияи илмҳои ҶТ | | оид ба ҳолати сарбандҳои нерӯгоҳҳо ҳангоми заминҷунбиҳо барои таъмини бехатарии онҳо муяссар мегардад | Тоҷик», Вазорати ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи шаҳрвандии ҶТ |